07.00.10.ТАЪРИХИ ИЛМ ВА ТЕХНИКА
07.00.10.ИСТОРИЯ НАУКИ И ТЕХНИКИ
07.00.10.HISTORY OF SCIENCE AND TECNOLOGY

***ТДУ 61 (09)***
***ТКБ 5 г***

## ***САҲМИ ПРОФЕССОР ҲАМДАМ РОФИЕВ ДАР РУШДИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ ВА ИЛМИ ТИБ***

***Абдуллоев Саъдӣ Абдуқундузович,*** *унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

## ***ВКЛАД ПРОФЕССОРА ХАМДАМ РАФИЕВА В РАЗВИТИЕ МЕДИЦИНСКИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЙ И МЕДИЦИНСКОЙ НАУКИ***

***Абдуллаев Саъди Абдукундузович,*** *соискатель кафедры истории таджикского народа ДДХБСТ (Таджикистан, Худжанд)*

## ***PROFESSOR HAMDAM ROFIEV'S CONTRIBUTION INTO EDUCATIONAL INSTITUTIONS DEVELOPMENT IN THE FIELD OF HEALTH AND MEDICINE***

***Abdulloev Sa`di Abduqunduzovich,*** *claimant for candidate degree of the department of the history of Tajik nation under TSULBP (Tajikistan, Khujand)*
***E-mail:*** *uchzaphgu@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *техникуми тиббӣ, омӯзишгоҳи тиббӣ, сарвари муассиса, илми тиб, рушди тандурустӣ*

*Дар мақола дар асоси маъхазҳо ва адабиёти илмӣ масъалаҳои ташаккул ва густариши муассисаи миёнаи махсуси тиббӣ дар шаҳри Хуҷанд ва саҳми олими намоён Ҳамдам Рофиев дар мустаҳкам намудани пояи моддӣ, раванди таълиму тадрис, ба роҳ мондани корҳои тарбиявию маърифатӣ байни донишҷӯёнро баррасӣ намудааст. Муаллиф ҳамчунин дар мақола роҷеъ ба нақш ва ҷойгоҳи профессор Ҳамдам Рофиев дар пешрафти Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, ба роҳ мондани корҳои таълимиву илмию таҳқиқоти дар муассиса, эҷоди асарҳои илмӣ, тайёр кардани кадрҳои илмиву педагогӣ маълумот додааст. Қайд мешавад,ки профессор Ҳ.Қ.Рофиев яке аз поягузорони тибби муосир ва шахсиятҳои маъруфи Тоҷикистон ба шумор рафта, дастовардҳои илмӣ ва маҳсули тадқиқоташ ҳамчун мутахассиси варзидаи эпидемиология ва бемориҳои сироятӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ ва берун аз кишвар арзишманд эътироф шудааст.*

***Ключевые слова:*** *медицинский колледж, медучилище, руководитель учреждения, медицина, развитие здравоохранения*

*В статье на основе источников, прежде всего архивных материалов и научной литературы, автор рассматривает формирование и расширение среднего специального медицинского учреждения в городе Худжанде, раскрывает вклад известного ученого Хамдама Рофиева в укрепление материальной базы, развитие учебного процесса, преподавание и обучение. Во второй части статьи автор приводит информацию о роли и месте профессора Хамдама Рофиева в развитии Таджикского государственного медицинского университета имени Абу Али ибн Сино, организации учебно-исследовательской работы в учреждении, написании научных работ, подготовке научно-педагогических кадров. Отмечается, что профессор Х.К. Рофиев является одним из основоположников современной медицины, а его научные достижения и результаты исследований признаны специалистами по эпидемиологии и инфекционным заболеваниям в стране и за рубежом.*

***Key words:*** *medical college, medical school, head of the institution, medicine, health development*

*Designing on the premise of sources, primarily archival materials and scientific literature, the author dwells on the formation and expansion of a secondary specialized medical institution in Khujand-city, reveals the famous scientist Hamdam Rofiev`s contribution into strengthening the material base developing the educational process of both teaching and learning. In the second part of the article, the author provides information concerned with Professor Hamdam Rofiev`s role and place in the development of Abuali ibn Sino Tajik State Medical University and organization of educational research work in the institution, writing scientific articles and trainingscientific and pedagogical personnel. It is underscored that Professor H.K. Rofiev is considered to be one of the founders of modern medicine, and his scientific achievements and research results are recognized by specialists in epidemiology and infectious diseases in the country and abroad as well.*

Аз қадимулайём халқи тоҷик соҳибилму соҳибмаърифат буда, фарзандони фарзонаи ин миллати тамаддунофаранда дар ҳар давру замон барои пешрафт ва инкишофи соҳаҳои гуногуни илм ва ҳаёти ҷомеаи ҷаҳонӣ нақши барҷаста гузоштаанд. Гузашта, аз ин осори пурғановати халқи тоҷик таърихи ҳазорсолаҳо дошта, дар пешрафт ва инкишоф, тарзи зиндагонии мардуми Осиёи Миёна таъсири бевосита ва амиқ гузоштааст.

Олимони барҷастаи тоҷик бо осори гаронмояю пурарзиши худ дар соҳаҳои мухталифи илми ҷаҳони шӯҳратманд гардида, ном ва мақоми онҳо то ба имрӯз арзишманд боқӣ мондааст. Аз ҷумла, халқи тоҷик дар соҳаи тиб олимони барҷаста ба монанди Закариёи Розӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абӯлҳасани Табарӣ, Низомии Самарқандӣ, Абурайҳони Берунӣ, Абӯмансури Қамарӣ, Абӯмансури Бухорӣ, Абӯ Убайди Ҷузҷонӣ, Наҷмиддини Самарқандӣ ва садҳо дигар бузургро ба ҷаҳониён ҳадя намудааст, ки аз осори онҳо то ҳол барои муолиҷаи бемориҳо истифода менамоянд.

Дар бобати саҳми кишварҳои Шарқ дар соҳаи тиб, ҳаминро бояд қайд кард, ки Ҷобир ибни Хайём дар энсиклопедияи Британияи Кабир асосгузори илми химия шинохта мешавад. Ҷарроҳони мамолики Шарқ ҳангоми муолиҷаи беморон воситаҳои карахткунанда (наркоз) – ро истифода менамуданд, ки дар он айём дар Аврупо дар ин бора ҳанӯз тасаввурот вуҷуд надошт. Пизишки машҳури тоҷик Абӯали ибни Сино дар Ғарб бо номи Авитсена шӯҳрат пайдо карда асари машҳури таълифнамудааш “Ал қонун фит- тиб”садсолаҳост китоби асосии кулли донишгоҳҳои тиббию раҳнамои пизишкони ҷаҳон ва Аврупо ба ҳисоб мерафт,эътироф шудааст. Ин китоб ҳанӯз дар қарни дувоздаҳум ба лотинӣ тарҷума шуда буд, ҳамчун раҳнамо барои табибони ғарб хидмат мекард [6,с.175].

Саломатӣ яке аз арзишҳои муҳимтарини инсонӣ ба ҳисоб рафта, ҳифз ва солим нигоҳ доштани он, ба худи инсон, омилҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла шароитҳои зиндагонию рузгори вай алоқаманд аст. Чи хеле, ки мегӯянд саломатӣ ин сарвати бебаҳост. Дар ҳақиқат ҳам саломатии инсон гавҳари ноёб буда, онро бо ягон боигариву сарвати дунё қиёс кардан нашояд. Солимии миллат ин бақои ҳар як давлат мебошад, зеро барои ноил гаштан ба ҳама гуна ҳадафҳои стратегию рушд,инкишоф аз солимии ҷомеа сарчашма мегирад. Дар ҳолате, ки аҳолии мамлакат солим набошад хатари вайрон шудани генофондӣ миллӣ афзоиш ёфта, эҳтимоли бо мурури замон аз байн рафтани миллат ба миён меояд. Барои ҳамин ҳам соҳаи тандурустӣ яке аз қисмҳои бунёдии сиёсати иҷтимоии ҳар як давлат маҳсуб меёбад.

Бояд қайд кард, ки равнақи тибби муосир дар мамлакати мо дар даврони шӯравӣ оғоз шудааст. Зарур ба таъкид аст,ки то ин айём дар кишвар ду тарзи табобат маъмул буд. Табибон беморонро бо воситаи гиёҳҳо, доруҳо, моддаҳои химиявӣ, обҳои шифобахш ва дигар воситаҳо муолиҷа мекарданд. Рӯҳониён бошанд бо воситаи дуохонӣ, дуонависию ёсиннависӣ табобат менамуданд. Дар даҳсолаҳои аввали баъди барқароршавии ҳокимияти шӯравӣ дар ҳама соҳаҳо, аз ҷумла, соҳаи тиб мутахассисон намерасид. Минбаъд ҳукумат ва Ҳизби Коммунистӣ дар сиёсати иҷтимоии худ ба соҳаи тандурустӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда, ташкил ва сохтмони беморхонаю муассисаҳои табобатиро вусъат доданд. Дар Тоҷикистон кормандони соҳаи тиб ва тандурустӣ намерасид.

Бо мақсади тайёр ва омода кардани мутахассисони муассисаҳои таълимии тиббӣ таъсис ёфтанд. Аз ҷумла, соли 1931 дар шаҳри Ленинобод (ҳозира Хуҷанд) бо дастгирии ҳукумати ҳамонвақта аввалин муассисаи тиббӣ - Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Ленинобод ташкил ёфт. Ташкилкунанда ва сарвари аввалини Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Ленинобод Бадалов Муллоғанӣ буд.

Моҳи декабри соли 1931 дар шаҳри Хуҷанд шӯъбаи тандурустӣ ташкил карда мешавад. Ҳамон сол дар маҳаллаи “Қаландархона”, дар бинои кӯҳнаи дорухона курси нӯҳмоҳаи тиббӣ созмон дода мешавад. Нақшаи қабули хонандагон 100 нафар буда, онҳое қабул карда мешуданд, ки навиштаву хонда тавонанд ва ҳисоби арифметикиро донанд. Мӯҳлати таҳсил 3 сол буд.

Дар заминаи (базаи) курси нӯҳмоҳа моҳи феврали соли 1932 техникуми тиббӣ таъсис меёбад. Техникум дар соли аввали фаолияташ аз рӯи ду ихтисос - фелдшерӣ ва дорусозӣ мутахассис омода менамуд. Бо баробари таъсисёбии техникум факултаи коргарии тиббӣ ташкил карда мешавад.

Соли 1933 техникуми тиббӣ бо факултаи коргарии тиббӣ ба Комбинати таълими тиббӣ (медучкомбинат) муттаҳид гардида, директораш Усмон Муминов тайин мегардад. Дар соли хониши 1933-34 Р. Аҳмадҷонов ҳамчун директор фаъолият бурдааст. Аз соли 1935 то соли 1937

Ш.Султонов директори Комбинати таълими тибби буда,соли 1935 12-нафар,соли 1936 42 нафар,соли 1937 30 нафар хатм намудааст. Соли хониши 1938-39 М.Коробкова соҳои 1939-1941 А.Бобохонов сарварӣ намудаанд. Дар солҳои пеш аз Ҷанги Бузурги Ватани ҳамаги 257 нафар донишҷӯ Омӯзишгоҳи тиббии Ленинободро хатм намудаанд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватани омӯзишгоҳи тиббиро Р.Н.Шарипов (1941), М.Юнусов (1942), А.Тоҳиров (1943), А. Бобохӯҷаев (1944), Мукаррамӣ (1944-1946) сарварӣ намудаанд. Дар ин солҳои вазнини ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодӣ 397 нафар мутахассиси соҳаи тиб омода карда шуда.

Ҳукумати кишвар ба масъалаи мустаҳкам намудани пойгоҳӣ моддию техникии омӯзишгоҳ эътибор медод. Соли 1937 бинои асосии Омӯзишгоҳи тиббӣ, воқеъ дар маҳаллаи “Сари баландӣ” сохта ба истифода дода мешавад. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватани дар ин бино “Госпитали ҳарбӣ” ҷойгир карда мешавад. Омузишгоҳи тиббӣ бошад аз соли 1946 то соли 1954 ба беморхонаи вилоятии бемориҳои сироятӣ кӯчонида мешавад.

Минбаъд техникуми тиббиро Усмон Исмоилов (солҳои 1946-1951), Абдуҳаким Абдуллоев (солҳои 1952-1954), Х.У. Умаров (соли 1952), Солҳои 1955-1960 Омӯзишгоҳи тиббиро Я.Ш. Шерғозиев (солҳои 1955-1960), М.К. Қаюмов (солҳои 1960-1961) М.А. Охунов (солҳои 1961-1963) И.И. Исмоилов (солҳои 1963-1967) А.Абдуназаров (солҳои 1967-1978) сарварӣ намудаанд.

Бо фармони Президиуми Шӯроии Олии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалисти Тоҷикистон аз 28 июни соли 1954 Техникуми тиббии Ленинобод ба номи академик И.Н.Павлов (физиологи машҳури рус) номгузорӣ карда мешавад.Ҳамон сол Техникуми тиббии Ленинобод ба Омӯзишгоҳи тиббии Ленинобод табдил дода мешавад.

Яке аз роҳбарони муваффақи Омӯзишгоҳи тиббии Ленинобод, доктори илмҳои тиб, профессор,олими соҳибмактаб Мирзоҳамдам Қутфиддинович Рофиев ба шумор меравад . Номбурда дар давоми солҳои 1978-1994 сарварии ин муассисаро бар ӯҳда дошт.

Ҳ. Қ. Рофиев 12- уми феврали соли 1938 дар Хуҷанд, дар оилаи хизматчи таваллуд шудааст. Солҳои кӯдакиву наврасиаш ба даврони душвори Ҷанги Бузурги Ватани ва айёми барқароркунии хоҷагии халқ рост омад. Дар он солҳо мардум рӯзгори вазнину мушкил доштанд, вале рӯҳияи меҳнатдӯстиву ватандӯстӣ хеле баланд буду аҳли ҷомеаро ба ояндаи нек нерӯ мебахшид. Аз ҷумла, наврасону мактаббачагон дар рӯзҳои таътили тобистона ба корҳои калонсолон ёрӣ мерасониданд. Ҳамдами ҷавон низ ба синну соли мактабиаш нигоҳ накарда, дар рӯзҳои таътили тобистона дар сехи истеҳсоли шарбатҳои Комбинати консервабарорӣ, кор мекард. Қатъи назар аз ин баҳри гирифтани дониши хуб саъйу талош меварзид. Аз синни хурдсолӣ дар мағзу дилаш меҳри касби пизишкӣ ҷой гирифта буд, орзу дошт ки дар оянда Донишгоҳи тиббиро хатм намуда, ба халқу ватанаш хизмати шоиста намояд. Ин орзуи деринаи Ҳамдам Рофиев ҷомаи амал пӯшид.

Мактаби миёнаро бо баҳои аъло хатм намуда, соли 1955 ба Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дохил гардид[11,с.6].Дар донишгоҳ,ки он айём яке аз беҳтарин донишгоҳи тиббӣ дар собиқ Иттиҳоди шӯравӣ маҳсуб меёфт, аз мактаби устодони маъруфи давр Б.Н.Эрнст, И.Б.Лихсиер, М.Я.Расулов, М.Х.Бобохӯҷаев, Я.А.Раҳимов, З.П.Хоҷаев ва дигарон сабақ омӯхт.

Пас аз хатми донишгоҳ Ҳамдам Рофиев соли 1961 дар Пажуҳишгоҳи эпидемиология ва гигиена фаъолияти меҳнатиашро оғоз менамояд. Дар аспирантураи назди Институти Эпидемиология ва микробиологияи ба номи академик Н.Ф.Гамалеи (Москва) АИТ ИҶШС (1954-1966) таҳсил намуда, рисолаи номзадиашро дар мавзӯи “Омилҳои интиқоли сироят дар эпидемиологияи домана ва исҳоли хунин дар минтақаҳои мухталифи иқлимию ҷуғрофии Тоҷикистон” бомуваффақият дифоъ намудааст.

Масъалаи мубориза зидди бемориҳои сироятӣ ва дарёфти тарзу усулҳои самарабахши пешгирии бемориҳо дар тамоми минтақаҳои Иттиҳоди Шӯравӣ хусусан дар Осиёи Миёна яке аз вазифаҳои асосӣ соҳаи тандурустӣ ба ҳисоб мерафт. Ба ин масъала дар Тоҷикистон низ эътибори ҷиддӣ дода мешуд. Ҳамдам Рофиев ҳамчун пизишк эпидемиолог,корманди ихтисосманд то соли 1967 дар Пажуҳишгоҳи эпидемиология ва гигиена фаъолияти пурсамар мебарад.

Рофиев Ҳамдам бо вуҷуди серкорӣ ва машғул будан дар корҳои ҷамъиятию сиёсӣ аз фаъолияти омӯзгорӣ дар канор намондааст. Фаъолияти илмию омузгории Ҳамдам Рофиев аз соли 1963 дар Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Душанбе оғоз гардида, соли 1967 дар кафедраи “Бемориҳои сироятӣ” маҷрои наву тоза пайдо намудааст. Барои Ҳамдам Рофиев муяссар гардид, ки дар заминаи кафедраи номбурда курси “Эпидемиология”-ро ташкил намояд

Дотсенти кафедра Ҳамдам Рофиев соли 1968 кафедраи эпидемиологияро аз кафедраи бемориҳои сироятӣ мустақил намуд, барои кору фаъолияти мунтазами кафедраи навбунёд шароити фароҳам меоварад. Кафедра бо сарварии ин пизишки донишманду кордон, навовару ташаббускор босамар фаъолият мекард, аз ҷумлаи беҳтарин кафедраи муассиса маҳсуб мешуд.

Бо фармони вазири тандурустии Тоҷикистон Рофиев Ҳамдам соли 1970 сардухтури хадамоти вилоятии санитарию эпидемиологии шаҳри Хуҷанд таъин карда мешавад. Дар давоми чанд сол таҳти роҳбарии ӯ ин хадамоти вилоятии шаҳри Хуҷанд ба муассисаи пешқадаму намунавӣ табдил ёфт, ҳатто дар байни муассисаҳои ҳамсоҳа дар Осиёи Миёна беҳтарин دониста мешавад [1,с.6-11].

Бо пешниҳоди кумитаи ҳизбии вилоят ва комиҷроияи вилояти Ленинобод Ҳамдам Рофиев моҳи ноябри соли 1978 директори Омӯзишгоҳи тиббии ба номи академик И.П.Павлов шаҳри Хуҷанд таъин мегардад.Дар давоми 16 соли роҳбарии эшон Омӯзишгоҳ дар байни таълимгоҳҳои миёнаи махсуси ИҶШС ҷиҳати татбиқи тарзу усулҳои босамари таълим ва пешбурди корҳои таълиму тарбия яке аз беҳтаринҳо маҳсуб меёфт. Дар соли аввали директории Рофиев Ҳамдам нақшаи қабули омузишгоҳ 300-350 нафарро ташкил намуда, ҳамагӣ ду филиал амал менамуд. Дар омӯзишгоҳ то соли 1993 нақшаи қабули донишҷӯён то 1100 нафар расонида шуд [11,с.6].

Дар Омузишгоҳи тиббии шаҳри Хуҷанд ба номи академик И.П.Павлов аз рӯи тахассуси ҳамшираи тиббӣ: ҳамшираи тиббии муассисаи бачагона ва ҳамшираи тиббии муассисаҳои табобатӣ; аз рӯи тахассуси момодоягӣ: момодоя; аз рӯи тахассуси фелдшерӣ: фелдшер,фелдшер-лаборант: фелдшери ташхисгар, фелдшери санитарию эпидемиологи; аз рӯи тахассуси дорушиносӣ: мутахассиси дорусоз; аз рӯи тахассуси техники дандон: дандонсоз бо маълумоти миёнаи махсуси тиббӣ тайёр карда мешуд.

Омӯзишгоҳ дар шаҳру ноҳияҳои Ашт, Конибодом, Исфара, Табошар, Мастчоҳу Айнӣ, Панҷакент филиалҳо ташкил намуд. Таъсисёбии филиалҳо барои соҳибдиплому соҳибкасб шудани духтарони маҳаллӣ аҳамияти муҳим дошт. Акнун духтарони минтақаҳои дурдаст имкон пайдо намудаанд, ки бевосита дар зодгоҳашон таҳсил намуда, соҳиби маълумоти миёнаи тиббӣ ва соҳибтахассус гарданд. Бояд қайд намуд, ки бо саъю кӯшиш ва ташаббуси Рофиев Ҳамдам дар заминаи филиалҳои Ӯротеппа ва Конибодом Омӯзишгоҳи тиббии Уротеппа ва Омӯзишгоҳи тиббии Конибодом таъсис ёфтаанд.

Ғайр аз ин дар Омӯзишгоҳ курси кӯтоҳмуддати 4-моҳаи такмили ихтисоси шӯъбаи терапевтӣ амал мекард [2]. Пизишкон кормандони соҳаи тандурустӣ аз беморхонаҳою дармонгоҳҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят аз руи ихтисосҳои ҳамшираи шафқат, умури дезинфекционӣ, умури санитарию эпидемиологӣ, фелдшерӣ донишу малакаи худро такмилу сайқал медоданд.

Ҷаҳду талоши Ҳамдам Кутфиддинович буд, ки ба ҷомеаи меҳнатии омузишгоҳ мутахассисони беҳтарину соҳибтаҷриба ба кор ҷалб гардиданд. Дар Омузишгоҳи тиббӣ наздик 200 нафар омӯзгору мураббӣ фаъолият намуда, ба таълиму тарбияи донишҷӯён машғул буданд. Омузгорон дар бинои асосии Омузишгоҳ бо донишҷуён машғулиятҳои амалӣ, семинарӣ, лабораториявӣ ва соатҳои тарбиявӣ мегузаронидаанд, ҷараёни машғулият дар се баст идома меёфт. Таҷрибаомузӣ дар назди беморхонаҳою дармонгоҳҳо ва муассисаҳои табобатӣ ташкил карда мешуд. Аз омӯзгорони Омузишгоҳ 16 нафар номзади илмҳо буданд ва онҳо барои дигар таълимгоҳҳои соҳаи тибби Ҷумҳурӣ дастурҳову тавсияҳои методӣ омода менамуданд[4]. Дар Омузишгоҳ бо ташаббуси омӯзгорони беҳтарин семинарҳои Ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва умумииттифоқӣ ташкил ва гузаронида мешуд. Кабинетҳои методӣ, заминаи моддию техникӣ, шароити хуби таълиму тарбия, иншооти зиёди ёрирасон баҳри баланд бардоштани сифати таълиму тадрис мусоидат менамуданд[8].

Ҳамчун сарвар Рофиев Ҳамдам ба корҳои тарбиявӣ диққати махсус медод, бинобарин донишҷуёни Омузишгоҳ дар ҳамаи чорабиниҳою озмунҳо фаъолона иштирок намуда ҷойҳои ифтихориро сазовор мегаштанд. Аз ҷумла, донишҷӯёни Омӯзишгоҳ дар озмунҳои Ҷумҳуриявии “Момодояи беҳтарин”, ”Ҳамшираи шафқати беҳтарин ва фелдшери беҳтарин” иштирок намуда, ҳамеша дар қатори ғолибону беҳтаринҳо буданд. Инчунин, дар мусобиқаҳои варзишӣ оид ба футбол, волейбол, бокс ва дигар намудҳои варзиш фаъолона иштирок намуда, ҳамеша комёб мегардиданд. Донишчуёни Омузишгоҳи тиббӣ на фақат дар таҳсил, балки дар кору истироҳат низ фаъолу пешсаф будаанд. Ҳамасола дар давраи таътили тобистона садҳо нафар донишҷӯён дар сафи гурӯҳҳои санитарӣ дар беморхонаҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят кор

мекарданд. Дар ҳайати отрядҳои бинокорию кишоварзӣ ба Ёкутистону Астрахан, Одессаю Волгоград фиристода мешуданд. Хусусан отряди "Табиб" шуҳрат дошта, ғолиби мусобиқаҳои сотсиалисти ҷумхуриявӣ ва умумииттифоқӣ дониста шуда буд[2].

Ҳар сол гурӯҳҳои аз 30 то 45 нафараи донишҷуёни аълохон, пешсафу фаъоли Омузишгоҳ бо роҳбарии омузгорон ба сайру саёҳати шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва дигар давлатҳои хориҷӣ дар асоси роҳхат фиристода мешуданд. Масалан, донишҷуёни Омӯзишгоҳ бо роҳбарии омӯзгорони беҳтарин дар шаҳрҳои Москва бо роҳбарии 2-нафар омӯзгор 30 нафар донишчуён аз 17.01. то 29.01.1980 Ленинград, Киев гуруҳи сӣ нафара бо роҳбарии омӯзгор Абдурауф Дадоев, Тошпулод Туйчиев: Тошкент,Боку, Бухорою Самарканд дар давлатҳои Булғория (3-маротиба), Олмон (2-маротиба), Полша,Чехославакия, Венгрия саёҳат намуданд [5].

Моҳи ноябри соли 1983 мусобиқаи "Хобгоҳи беҳтарини Омӯзишгоҳҳои тиббии ИҶШС" баргузор мегардад, ки дар он Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Ленинобод ширкат варзида, ҷойи намоёнро ишғол намудааст. Аз нақли шоҳиди воқеа Шарипов Абдуваҳоб Шарипович, ки ҳамон солҳо ҳамчун мураббии хобгоҳи Омӯзишгоҳи мазкур фаъолият мебурд, маълум гардид, ки дар ҳақиқат ҳамон сол Омӯзишгоҳ сазовори чойи аввал гардида буд[9].

Аз 1 декабр то 10 декабри соли 1984 дар шаҳри Воронеж "Конференсияи байниҷумҳуриявӣ" баргузор гардида буд, ки дар кори он мураббии хобгоҳи Омӯзишгоҳ Абдуваҳоб Шарипов иштирок ва маърӯза намуд. Ӯ ба гирифтани мукофоти Вазорати Тандурустии ИҶШС "Хобгоҳи намунавии ИҶШС" муяссар гашт[3].

Ҳамдам Рофиев бо баробари вазифаи директори Омузишгоҳи тиббиро пеш бурдан,бо фармони Вазири маълумоти олӣ ва миёнаи махсуси ИҶШС муддати 12-сол вазифаи Раиси комиссия оид ба ҷараёни таълим дар мактабҳои олию миёнаи махсуси ИҶШС-ро бар ӯҳда дошт. Вай зимни иҷроиши ин вазифа барои тафтиш ва мубодилаи таҷриба мунтазам бо таълимгоҳҳои Иттиҳоди Шӯравӣ сафарҳои корӣ анҷом медод, бо фаъолияти таълимии мактабҳои миёнаи махсуси соҳаи тандурустӣ шинос мегашт, тавсияҳо баҳри беҳдошти вазъ омода менамуд.

Соли 1994 Рофиев Ҳамдамро ба вазифаи сардори Шӯъбаи тандурустии вилоят таъин менамоянд. Дар шӯъбаи тандурусти Хадамоти санитарию эпидемиологӣ, Хадамоти дорусозӣ ва Хадамоти техникаи тиббӣ дар алоҳидагӣ фаъолият мебурданд. Азбаски, шароити сиёсию иқтисодӣ куллан нав буд, зарурияти муттаҳидсозии ин риштаҳои тибб ҳарчи бештар эҳсос карда мешуд. Дар натиҷа бо пешниҳод ва ташаббуси Ҳамдам Рофиев ҳамаи хадамоти тиббӣ ба ҳайати Шӯъбаи тандурустии вилоят муттаҳид карда шуданд.

Аз соли 1996 Ҳамдам Рофиев чанд муддат вазифаи ҷонишини раиси вилояти Суғд пурсамар кор кард. Сипас, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино таъйин шудааст(1996-2000). Инчунин, муддате дар вазифаи ҷонишини аввали вазири тандурустии Ҷумхурии Тоҷикистон (2000) фаъолият бурдааст. Дар донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба ҳайси мудири кафедраи эпидемиология (то соли 2000), профессори ҳамин кафедра (солҳои 2000-2003) ифои вазифа намудааст. Ӯ соли 1997 рисолаи докториашро бомуваффақият дифоъ намуда, сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои тиб гаштааст.

Рофиев Ҳамдам яке аз шахсияти маъруф дар соҳаи тандурустии Тоҷикистон ба шумор меравад. Тамоми ҳаёту фаолияти пурсамарашро ба мураттаб сохтан, самаранок гардонидани фаъолияти муассисаҳои тандурустӣ, омодасозии мутахассисони соҳаи тиб, баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълими тиббӣ, ба талаботи замона мувофиқ намудани ташхис, пешгирӣ ва муолиҷаи бемориҳо бахшидааст.Чи тавре зикр намудем,маҳз бо ташаббус ва кушишу ғайрати Ҳамдам Рофиев курси эпидемиология кушода шуда, минбаъд дар заминаи он кафедраи эпидемиология таъсис ёфтааст. Ташкили шӯъбаҳо дар Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Хуҷанд (то соли 1993), таъсиси факултаи тиббӣ дар назди Донишгоҳи Давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров (соли 1990) ва ташкили кафедраи эпидемология,микробиология ва бемориҳои сироятӣ дар факултаи тибб маҳсули заҳматҳои Рофиев Ҳамдам мебошад.

Профессор Ҳамдам Рофиев дар ҷараёни фаъолияти илмию омӯзгорӣ ва пизишкию таҳқиқотӣ ба навиштани беш аз 600 асари илмӣ, аз ҷумла, 13 монография, 10 китоби дарсӣ, як луғати тиббӣ, 52 дастуруламал ва тавсияҳои методӣ оид ба муаммоҳои гуногуни илми тиб, эпидемиология, микробиология, вирусология, паразитология ва гигиена муваффақ гаштааст [12,с.64]. Ӯ муаллифи 3 шаҳодатномаи ихтироъ, 2 барномаи миллӣ доир ба "мубориза бар

зидди беморихои тропикӣ (варача) ва “гепатити В”мебошад, ки бо Қарори хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд. Ҳ. Рофиев ҳаммуаллифи 9 хуҷҷати навовай буда, бо “Медали тилло” (соли 1998) ва “Ситораи калони тилло”-и ба номи Алберт Швейсар дар соҳаи илм ва тиб (соли 1999) мукофотонида шудааст.

Дастовардҳои илмии Ҳ.Рофиев аз ҷониби бонуфузтарин муассисаҳои тиббии хориҷӣ эътироф гаштаанд. Самти муҳими фаъолияти бисёрҷабҳаи Ҳ.Қ.Рофиев тадқиқоти илмӣ дар соҳаи эпидемиология ва пешгирии паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва ғайри сироятӣ мебошад. Асарҳои Ҳ. Рофиев барои ҳифзи амалии тандурустӣ аҳамияти калон доранд ва аз ҷониби мутахассисон берун аз ҷумҳурӣ баҳои баланд гирифтанд. Таҳти роҳбарии ӯ, заминаи эпидемияи сирояти ВНМО, системаи такмили назорати эпидемиологӣ омӯхта шуданд. Дар тӯли фаъолияти бисёрҷабҳаи ӯ, олимон маҷмӯи сабабҳои экологӣ ва эпидемияро, ки боиси пайдоиши сироятҳои арбовирус мебошанд, таҳқиқ карданд. Вай инчунин шароити обу ҳавои минтақаҳои эндемикиро омӯхт, инчунин аҳамияти бемориҳои сироятӣ ва чораҳои мубориза бо онҳоро арзёбӣ кард[7].

Ӯ ҷонишини раиси Шӯрои координатсионии шӯъбаи илмҳои биологӣ-тибии Академияи илмҳои Тоҷикистон, раиси Шӯрои махсусгардонидашудаи назди ДДТ оид ба дифоъи рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ аз рӯи ихтисосҳои эпидимиология, гигиена ва фармакалогия, аъзои ҳайати таҳририи маҷаллаҳои илмии “Эпидемиология ва инфекционные болезни” (Москва), “Эпидемиология ви вакцинопрофилактика” (Москва), “Паёми Сино” (Душанбе), “Стамоталогияи Тоҷикистон” (Душанбе) буд [10,с.81].

Зикр кардан ба маврид аст, ки Ҳ. Рофиев ба тарбияи мутахассисони ҷавони соҳаи тиб эътибори ҷиддӣ медод.Таҳти роҳбарии ӯ 20 нафар рисолаи докторӣ ва 40 нафар рисолаи номзадӣ дифоъ намудаанд.Ӯ дар соҳаи тиб мактаби илмии худро бунёд намудаст.

Айёме, ки Ҳамдам Рофиев ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино буд, дар донишгоҳ тағйиротҳои куллӣ ба амал омаданд. Донишгоҳ дар самтҳои асосии фаъолият, амсоли корҳои таълимӣ, илмӣ, муолиҷа,тарбия, робитаҳои байналхалқӣ, масъалаҳои иқтисодӣ ва хоҷагӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардид. Дар донишгоҳ Консепсияи нави маълумоти олии тиббӣ ва дорушиносӣ мавриди амал қарор гирифт. Усулҳои нави таълиму тадрис дар таълими фанҳои анатомия,физиология, анатомияи патологӣ, фармакология, психиатрия бо психология, химияи биологӣ ҷорӣ карда шуда, миқдори соатҳои машғулияти ин фанҳо зиёд гардиданд. Факултаи пешгирии амроз (касалиҳо),ки қаблан ихтисор шуда буд, аз нав фаъолияташро оғоз намуд ва дар факултаҳои даҳонпизишкию дорушиносӣ ва умумитиббӣ кафедраҳои тахассусӣ таъсис ёфтанд.

Ҳамин тавр, рушди илми тиб бидуни омӯхтани хусусиятҳои ташаккул ва рушди мактабҳои илмии он ғайриимкон аст.Профессор Ҳ.Қ.Рофиев яке аз поягузорони тибби муосир ва шахсиятҳои маъруфи Тоҷикистон мебошад.Дастовардҳои илмӣ ва маҳсули тадқиқотҳояш ҳамчун мутахассиси варзидаи эпидемиология ва бемориҳои сироятӣ дар қаламрави Ҷумҳурӣ ва берун аз кишвар арзишманд эътироф шудааст.

Дар соҳаи тандурустии ҷамъиятӣ, ташкили соҳаи тандурустӣ ҳифзи саломатӣ ва таърихи тиб, мактаби илмии профессор Ҳ.Қ.Рофиев саҳми назаррас гузоштааст. Ин мактаби илмӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад.

**ПАЙНАВИШТ :**


1. Андарзҳо дар бораи тиб ва табиб/Дар зери таҳрири умумии Қурбонов У.А, Лангариева Ч.С, Юлдошев У.Р, ЮсуфовА.И, Ахмедов Ш.Р. Душанбе: Нашриёти “Ҳикмат”, 2012.- С.6 -11.
2. Бойгонии Давлатии вилояти Суғд. Ф. 292. Оп. 6. Д. 88. Л. 22.
3. Бойгонии Давлатии Вилояти Суғд. Ф.292. Оп.6. Д. 48. л. 46.
4. Бойгонии ҷории Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд ба номи Ю.Б.Исҳоқӣ. Дафтари № 3.
5. Бойгонии Давлатии вилояти Суғд. Ф. 292.Оп.6. Д.55. ( Фармони № 145,5).
6. Ибни Қурбон. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим.-Душанбе: Эр-граф, 2007. –480 с.
7. Народная газета. 08.02.2018.
8. Ҳакими фарзона. –Душанбе, 2018. –308 с.
9. Ҳамдам Қутбиддинович Рофиев//Ҳакими фарзона.-Душанбе, 2028, С.6 (С.6-15)
10. СӯҲбат бо Саидов Сайфулло Раҳматуллоевич ҷонишини директор оид ба таҷрибаомӯзии Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд ба номи Ю.Б.Исҳоқӣ аз 22 маи соли 2021.
11. Сӯҳбат бо Шарипов Абдуваҳоб Шарипович 78-сола нафақахӯр,собиқ ҷонишини директор оид ба корҳои тарбиявӣ аз 17 маи соли 2021.
12. Ҳакими, Фарзона. –Душанбе, 2018. -С.97-103,120-126.

13. Шарифов, З.Р. Илоҳо, дар ҷаҳон доим сарат андар само бошад//Ҳакими фарзона. – Душанбе,2018. –С.64.

**REFERENCES:**

1. Counsels about Medicine and a Doctor / Under the general editorship Kurbanov U.A., Langarieva J.S., Yuldashev U.R., Yusufov A.I., Akhmedov Sh.R. - Dushanbe: Hikmat Publishing-House, 2012. – p 6 -11.
2. State Archive of Sughd Viloyat. - F. 292. -Inv. 6. -C. 88. -Sh. 22.
3. State Archive of Sughd Viloyat. - F. 292. -Inv.6. -C. 48. – Sh. 46.
4. Current Archive of Khujand Medical College named after Y.B. Ishoki. Office № 3.
5. State Archive of Sughd Viloyat. - F. 292. –Inv. 6. -C.55. (Order № 145.5).
6. Ibn Kurban. In the Midst of Decay and Revival of the Ancient Nation. - Dushanbe: Er-Graph, 2007. -480 p.
7. Narodnaya Gazeta. (The People`s Newspaper) 08.02.2018.
8. Wise Farzona. - Dushanbe, 2018. - 308 p.
9. Hamdam Qutbiddinovich Rofiev // Hakimi Farzona. - Dushanbe, 2028, - P. 6-15.
10. Interview with Saidov Saifullo Rahmatulloevich, Deputy Director for Internship at Khujand Medical College named after Y.B. Ishoki from May 22, 2021.
11. Interview with Sharipov Abduvahob Sharipovich 78 retired of the former Deputy Director for Educational Affairs from May 17, 2021.
12. Hakimi, Farzona. - Dushanbe, 2018. -P.97-103, 120-126.
13. Sharifov, Z.R. Be Always Full of Happiness in the World // Z.R. Sharifov/Farimi Farzana.- Dushanbe, 2018. –P.64.